Замимаи №2
ба Фармоиши Ректори Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
аз «30» сентябри соли 2021, № 80/И
Ректор ___________ Хайрзода Ш.Қ.

# НАҚША – ЧОРАБИНИҲОИ ДОХИЛИИДОРАВИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН **БАРОИ СОЛИ 2021**

ҶИҲАТИ ИҶРОИ СТРАТЕГИЯИ ДАВЛАТИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030 ВА НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ АМАЛИСОЗИИ ОН БАРОИ ДАВРАИ ТО 2030 БАРОИ МАРҲИЛАИ ЯКУМ (СОЛҲОИ 2021-2025), КИ БО ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 03 АВГУСТИ СОЛИ 2021, №222 ТАСДИҚ ШУДААСТ

| № б/т | Бандҳои Стратегия | Мухтавои бандҳои Стратегия | Чорабиниҳои Донишгоҳ | Мақсади дар назар дошташуда | Мӯҳлати ичрои чорабинӣ | Масъул |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1. | Таҳия ва тасдиқи барномаи дохили-идоравии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои он барои ҳар сол | Таҳия ва тасдиқи барнома ва нақшаи чорабиниҳои дохили-идоравии ДДМИТ | Таъмини иҷрои пурра ва воқеъбинонаи Стратегия | 2021 | Раёсати ДДМИТ<br>Бахши таъминоти ҳуқуқӣ |
| 2. | 2. | Муайян намудани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият оид ба таъмини иҷрои Стратегия | Муқаррар намудани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони сохтории ДДМИТ | Ба низом даровардани рафти таъмини иҷрои Стратегия | 2021 | Ректори ДДМИТ<br>(бо қабули фармоиш (замимаи №2) аз ҳисоби роҳбарони воҳидҳои сохторӣ шахсони масъулро ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия муайян менамояд) |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | 5. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкуни (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ | - Қабули довталабон ба ҳайати профессорию омӯзгорӣ ва дигар вазифаҳои маъмурию техникӣ бо тариқи озмун ва суҳбат (ҳайати коммисия).<br>- Дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронидани аттестатсия ва ҷойивазкуни (ротатсия)-и кормандон | Пешгирӣ намудани коррупсия дар байни кормандон | 2021 | - Раёсати ДДМИТ<br>- Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсӯс |
| 4. | 22 | Таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия | Таҳияи асарҳои саҳнавӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия | Ташаккули мафкураи зиддикорупсионӣ | 2021 | - Раёсати корҳои тарбиявӣ<br>- Шуъбаи кор бо ҷавонон<br>- Шуъбаи фарҳанг ва осорхона<br>- Садорати факултетҳо |
| 5. | 23. | Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ бахри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ | Чораҷӯӣ вобаста ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ ва муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаи расмии ДДМИТ | Аз байн бурдани омилҳои инсонӣ | 2021 | Шуъбаи табъу нашр (масъули сомонаи расмии ДДМИТ) |
| 6. | 31. | Мукаммал намудани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ | Андешидани чораҳои дахлдор дар доираи талаботи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, тақвият бахшидани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ | Таъмини саривақтии буҷети давлатӣ ва кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳои қарзи андозҳо | 2021 | - Раёсати молия ва муҳосибот<br>- Шуъбаи банақшагирӣ ва дурнамои иқтисодӣ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7. | 48. | Амалӣ намудани тарғиби ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет | - Гузаронидани маҷлису вохуриҳо ҷиҳати тарғиби фаъолияти зиддикоррупсионӣ дар байни устодону донишҷӯён ва кормандони донишгоҳ, инчунин тарғибу интишори он дар нашрияи донишгоҳ;<br>- Кушодани равзана оид ба маълумотҳои дорои тарғиботи зиддикоррупсионӣ дар сомонаи расмии ДДМИТ | Ба самъи аҳолӣ расонидани натиҷаи фаъолияти зиддикоррупсионӣ | 2021 | - Раёсати корҳои тарбиявӣ<br>- Шуъбаи кор бо ҷавонон<br>- Шуъбаи табъу нашр (масъули сомонаи расмии ДДМИТ)<br>- Нашрияи “Молия ва иқтисод”<br>- Садорати факултетҳо<br>- Кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ |
| 8. | 49. | Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия | Нашри маълумоти зиддикоррупсионӣ дар нашрияи донишгоҳ, инчунин ҷойгир намудани он дар сомонаи расмии ДДМИТ | Огоҳонии бештари аҳолӣ оид ба сиёсати зиддикоррупсионӣ | 2021 | - Шуъбаи табъу нашр (масъули сомонаи расмии ДДМИТ)<br>- Нашрияи “Молия ва иқтисод” |
| 9. | 52. | Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он | Ҳангоми банақшагирии хароҷот аз ҳисоби буҷети давлатӣ асоснок кардани маблағгузорӣ ба моддаҳои гуруҳбандии иқтисодии буҷетӣ ва дар навбати аввал таъмин намудани маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ | Назорати қатъии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | 2021 | Раёсати молия ва муҳосибот |
| 10. | 66. | Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) | Иҷрои саривақтии Нақшаи амали гуруҳи кории доимамалкунада оид ба гузаронидани тахлили фаъолият ва баҳодиҳии хавфҳои коррупсия дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | Ошкор намудани хавфҳои идоравӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо | 2021 | Гуруҳи кории доимамалкунада оид ба гузаронидани таҳлили фаъолият ва баҳодиҳии хавфҳои коррупсия дар ДДМИТ |

Ҳуқуқшиноси бахши таъминоти ҳуқуқӣ __________________ Ятимзода И.А.